«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон д.и.и., профессор
Бобозода К.О.
«25» 12 2025с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023 таҳти № 6 тасдиқ шудааст) аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат бандҳои 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра). 13.Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он. 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ. 15. Масоили таъмини иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; низоми нафақа ва дурнамои рушди он. 16. Ҳамкории иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бозорӣ. 32. Муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва танзими онҳо. Таҷрибаи байналмилалии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 33. Масоили таъмини иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намудҳо ва шаклҳои таъминот мувофиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ**.

Бояд зикр намуд, ки соҳаи иҷтимоӣ системаи бахшҳо ва ташкилотҳо (маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, ҳифзи иҷтимоӣ) мебошад, ки қонеъ гардонидани ниёзҳои асосии моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоии аҳолиро таъмин намуда, сатҳ ва сифати зиндагӣ, инчунин некӯаҳволӣ ва рушди иҷтимоии онҳоро муайян мекунад. Он ҳама чизеро, ки ба ҳаёти инсон, муошират бо ҷомеа, рушди шахсият ва ҳифзи иҷтимоӣ алоқаманд аст, дар бар мегирад.

Такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ таҳкими ҳадафгирии пардохтҳои иҷтимоӣ, беҳтар кардани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таҳияи сиёсати самараноки шуғл ва даромадро дар бар мегирад. Дар ин самт воситаҳои муҳим суғуртаи иҷтимоӣ, маъмурият, маблағгузорӣ, буҷетсозӣ ва танзими қонунгузориҳо мебошанд.

Дар шароити муосир ба мақсад мувофиқ аст, агар самтҳои асосии такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Пеш аз ҳама, таъмини дастрасии умумӣ ва сифати қобили қабули хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ба монанди суғуртаи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва маориф; таҳияи сиёсатҳое, ки ба таъмини афзоиши устувори даромад нигаронида шудаанд; фароҳам овардани шароит барои шуғли пурра ва самаранок ва мубориза бо бекорӣ; беҳтар кардани механизмҳои дастгирӣ; таҳия ва татбиқи равишҳои нав ба дастгирии молиявӣ, аз ҷумла пардохтҳои иҷтимоӣ (кӯмакпулӣ, нафақа, ҷубронпулӣ); истифодаи платформаҳои рақамӣ, ба монанди Системаи ягонаи давлатии таъминоти иҷтимоӣ (EGISSO), барои пешниҳоди маълумоти муосир дар бораи чораҳои дастгирӣ ва содда кардани дастрасӣ ба онҳо; такмили пайвастаи чаҳорчӯбаи қонунгузории танзимкунандаи соҳаи иҷтимоӣ; идоракунии самараноки маъмурӣ, аз ҷумла пешгӯӣ, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва назорати татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ.

Бинобар ин, масоили такмили самаранокии фаъолияти соҳаи иҷтимоӣ, зарурати таҳияи механизмҳои дастгирӣ ва танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ, таҳия ва татбиқи чунин сиёсат, ки талаботи иҷтимоии аҳолии кишварро қонеъ мегардонад, муҳим ва зарур мебошанд.

Аҳамият ва мубрамияти мавзуи кори диссертатсионии Гафарзода Мавҷуда Тахирро мавридҳои дар боло зикршуда асоснок менамояд.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсияи оварда шудаанд** бо омузиш амиқ ва асоснок намудани муқаррароти назариявию методӣ, ки барои таҳқиқ аҳамияти калон доранд, истифодаи усулҳои мухталифи илмии тадқиқот, ки ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқанд ва таҳлили миқдори зиёди иттилооти дорои характери илмию амалӣ собит мешавад. Пойгоҳи иттилоотии тадқиқот хеле васеъ буда, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, маълумот аз Вазорати маориф ва илми кишвар, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату кумитаҳои дахлдорро фаро мегирад.

Дар кори диссертатсионии мазкур шумораи зиёди мақолаву монографияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба асосҳои назариявӣ,

методологӣ ва воситаҳои амалии танзими ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст, дар асоси он, муаллиф, нуқтаи назари худро дар шакли хулосаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Ғояи асосии кори диссератацсионӣ, фарзия, навоварӣ ва нуқоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар асоси муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, назария ва методологияи иқтисодиёти меҳнат ва иқтисодиёти иинноватсионӣ асос ёфтаанд. Ба сифати заминаи методӣ усулҳои асосии илмӣ, аз қабили: усули системавӣ, оморӣ, риёзӣ, идуксия, дедуксия, қиёсӣ, монографӣ ва ғайра истифода шуданд. Маҷмуи васеи усулҳои истифодашуда ба муаллифи таҳқиқот имкон додаанд, ки сатҳи баланди эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти илмии ӯ таъмин карда шавад.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок намудани равишҳои назариявӣ ва методии такмили ҳамаҷонибаи механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир ифода ёфтааст.

Дар диссертатсия як қатор муқаррароти нави дорои аҳамияти илмиву амалӣ пешниҳод шудааст, ки ба андешаи мо, муҳиматринашон инҳо мебошанд:

1. Муаллиф дар асоси манбаъҳои назариявӣ, қонуниятҳои ташаккул ва тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ дар шароити имрӯза, ки аз тарзи истифодабарии идоракунии муносибатҳои бозорӣ, инчунин тағйирёбии онҳо таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ дар ташкилу идоракунии фаъолият дар соҳаи иҷтимоӣ тавсиф ва мушаххас кардааст (саҳ. 12-26);

2. Дар диссертатсия асосҳои методӣ, хусусиятҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ошкор гардида, дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоии мамлакатҳои хориҷии дорои иқтисодиёти рушди устувор, механизми танзими соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла иқтисодиёти рақамӣ тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардидааст (саҳ. 27-64);

3. Ҳангоми таҳқиқот таҳлили нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии дастгирӣ ва танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ дар шароити маҳдудияти маблағҳои буҷетӣ ва норасоии он, намуди афзалиятнок, низоми шарикии давлатӣ бо бахши хусусӣ, аз он ҷумла кумаки суроғавӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок ва натиҷагирӣ карда шудааст (саҳ.65-110);

4. Дар асоси омилҳое, ки ба равандҳои дигаргунсозиҳои соҳаи иҷтимоӣ дар давраи муосир таъсир мерасонанд, инчунин самтҳои дурнамои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоии мамлакат, ки барои баланд бардоштани сифати зиндагӣ, сармояи инсонӣ ва рушди

иҷтимоию иқтисодии давлат ва ҷомеа аҳамияти хоса доранд, баррасӣ гардидааст (саҳ.111-159).

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳамияти назариявии диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир аз имкони татбиқи муқаррароти назариявии таҳияшуда, тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар системаи дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ иборат аст. Натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳияи муқаррароти назариявӣ ва такмили асосҳои методии таҳияи механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои ноил гашта аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия баён гардида, ба сатҳи таҳаввулоти назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ мусоидат намуда, ҳамзамон тамоюлҳои назариявии рушди соҳаи иҷтимоӣ ва танзиму дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир таъмин карда шудаанд.

Тавсияҳои муаллифи диссертатсия метавонанд дар раванди асосноккунӣ ва таҳияи барномаҳои давлатӣ, омода намудани маводи таълимию методӣ, инчунин дар раванди таълими макотиби олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои: омор, омори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иқтисодиёти меҳнат, менеҷменти иҷтимоӣ, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат истифода гардад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаи таҳқиқ.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо истифодаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба монанди “Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин истифодабарии усулҳои муосири таҳқиқи иқтисодӣ муқаррар карда мешавад. Диссертант усулҳои таҳқиқи иқтисодиро бо дарназардошти алоқамандкунии ҷиҳатҳои назаривӣ, методологӣ ва амалии такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст. Дар таҳқиқот доираи васеъи маълумоти оморӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти худи муаллиф мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Боиси қайд аст, ки нуктаҳои асосии диссертатсия, ки барои ҳимоя пешкаш карда шудаанд, бешубҳа оид ба нишонаи васеъшавии доираи дарки илмӣ дар соҳаи усулҳои таҳкики такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Коркарди маълумоти ҷамъшуда барои таҳлили илмӣ ва муқаррар намудани натиҷаҳои назаррас дар хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ ҷамъ карда шуда, асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии диссертатсияро ифода мекунанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.**

Саҳми довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар иштироки бевосита дар ҳама марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсия мушоҳида карда мешавад. Гувоҳи ин гуфтаҳо мавриди таҳқиқ қарор додани маълумоти мухталиф доир ба ташаккулёбӣ ва механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, таҳлили асосҳои институтсионалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, баҳодиҳии механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, ташаккули асосҳои консептуалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодӣ рушди соҳаи иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, коркарди тавсияҳои методӣ оид ба такмили механизм ва дурнамоии рушди соҳаи иҷтимоӣ баромад мекунанд.

Саҳми муаллиф дар натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот имкон фароҳам меоварад, ки такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар иқтисодиёти минтақаҳо арзёбӣ карда шуда, барои таҳқиқотҳои минбаъда дар самти мазкур заминаи устувори илмӣ-амалӣ таъсис дода шавад. Баҳодиҳии саҳми довталаб имкон медиҳад, ки ӯро ҳамчун таҳқиқотчии мустақил дар соҳаи иқтисодиёти меҳнат тавсиф намоем, ки дорои қобилияти масъалагузории илмӣ, хулосабарории дар таҳқиқот асосёфта ва ташкили самараноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар сатҳи баланди назариявӣ, методологӣ ва амалӣ мебошад. Чунин қобилиятҳои муаллиф барои хулосабарорӣ, таҳлили доираи васеъи маводи таҳқиқотӣ, истифодаи усулҳои таҳқиқи иқтисодӣ имкон дод, ки дар диссертатсия натиҷаҳои хислати навгонии илмӣ дошта муқаррар карда шаванд, ки барои коркарди пешниҳодҳои мушаххас барои такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар минтақаҳо мусоидат намоянд. Иштироки бевоситаи довталаб дар таҳқиқот бо омода намудан ва нашри мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия ифода ёфта, саҳми шахсии муаллифро дар инкишофи такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ исбот менамоянд.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқ аз тарафи довталаб мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои бонуфузи илмӣ ба нашр расидаанд. Дар маҷмуъ аз ҷониби муаллиф 13 кори илмӣ чоп карда шудааст, ки аз он 9 адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои сатҳи гуногун ба нашр расидаанд. Татбиқи натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти довталаб ба воситаи маърузаҳои илмӣ дар

конференсияҳои гуногуни байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ дар давоми солҳои 2018-2025 мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Мундариҷа ва сохтори диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти анҷомшуда мувофиқат менамояд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 187 саҳифаи чопӣ оварда шудааст, ки он дар маҷмуъ аз 20 ҷадвал, 8 диаграмма, 19 расм ва 4 замимаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 164 номгӯй иборат аст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд (саҳ.4-11).

**Боби якуми диссертатсия ба «Асосҳои назариявию методии ташаккули механизми дастгирии давлатӣ ва танзим соҳаи иҷтимоӣ»** бахшида шуда, ҳангоми таҳқиқ ба соҳаи иҷтимоӣ дар низоми иқтисоди миллӣ, асосҳои методии дастгирӣ ва танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ ва таҳлили таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ диққати ҳамаҷониба равон карда шудааст (саҳ. 12-64).

Ба андешаи муаллиф, соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун яке аз категорияҳои муҳими иқтисодиёт ба ҳисоб меравад ва вобаста ба ин хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ ва сатҳи сифати амалӣ гардидани онҳо ба воқеият табдил мегардад (саҳ.26). Илова бар он муаллиф дар таҳқиқот чунин нуктаи назарро таҳия намудааст: дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолӣ ва ҷомеаи муосир ба тағйироти ҳамоҳангии сохтори иҷтимоии иқтисоди миллӣ ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, дар ҷумҳурӣ барномаҳои гуногун барои гузаронидани дигаргуниҳои сохторӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин принсипҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа пешбинӣ шудаанд, ба таври доимӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳамзамон муаллиф қайд намудааст, ки ҷомеаи муосири тоҷик кайҳо боз ниёзманди тағйироти ҷиддии соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Айни замон

давлат накшаҳои татбиқи ислоҳотро, ки ба беҳбуди соҳаи иҷтимоии ҷомеа, тағйир додани принсипи таъминоти нафақа, гузаштан ба низоми маблағгузорӣ нигаронида шудаанд, коркард карда истодааст. Хусусияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пеш аз ҳама, дар шакли тақсим кардани неъматҳои моддӣ, на дар мубодилаи қувваҳои дар раванди фаъолияти меҳнати сарфшуда ифода меёбад (саҳ.28).

**Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлили вазъи муосир ва тамоюли инкишофи соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таври муфассал таҳлили асосҳои институтсионалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, баҳодиҳии механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ ва таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои маблағгузории давлатии соҳаи иҷтимоӣ гузаронида шудааст (саҳ.65-110).

Қайд гардидааст, ки инкишофи самтҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ҳадафҳои гуногуни сиёсиро ба инобат мегирад, ки барои таъмин намудани сатҳи мӯътадили зиндагии аҳолӣ, ҳамзамон баланд намудани индекси рушди инсонӣ, дарозумрии аҳолии давлат, дар сатҳи баланд нигоҳ доштани саломатии насли наврас ва ғайраҳо равона карда шудааст.

Ба ақидаи диссертант  соҳаи иҷтимоӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба малағгузории давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо эҷтиёҷи бештар дорад. Дар ин раванд нақш ва мавқеи давлат дар самти таблиғи идиологияи миллӣ  ва  рушди фарҳангу маънавиёти аҳолӣ бояд мақсаднок роҳандозӣ гардад. Ҳамоҳангсозии соҳаи фарҳанг ва татбиқи идеологияи сиёсии давлат аз аҳамият холӣ нест, зеро масъалаи мазкур дар ташаккули маънавиёту мафкураи миллӣ нақши босазо дорад. Фарҳанги миллӣ ва ташаккулу такмили он дар таъмини арзишмандии ҳаёти ҷомеа яке аз самҳои сиёсати иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад. Малағгузории соҳаи мазкур барои беҳдошти тарзи ҳаёти солим ва рушду малакаи шахсӣ, инчунин зеҳнияту маънавиёт хеле муҳим мебошад (саҳ.96-97).

Ҳамзамон зикр шудааст, ки соҳаи иҷтимоӣ дар ҳамаи низомҳои давлатии мавҷуда накше мебозад, ки арзёбӣ кардан хеле мураккаб мебошад. Дар аксари давлатҳо низоми сиёсати иҷтимоӣ мавриди татбиқ қарор гирифтааст. Сиёсати иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми самаранок татбиқ намудани ин сиёсат нобаробарии хусусӣ ва иҷтимоиро аз байн мебарад, аз он ҷумла оқибатҳои такони иқтисодиро дар ҷамъияти имрӯза бартараф менамояд. Танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун кафолати рушди иқтисоди миллӣ ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани индекси рушди инсонӣ баромад менамояд (саҳ.111).

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** баррасӣ гардида, аз нигоҳи илмӣ ташаккули асосҳои консептуалии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодӣ рушди соҳаи иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва коркарди тавсияҳои методӣ оид ба такмили механизм ва дурнамои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст (саҳ.111 -160)

Муаллиф бо мақсади таҳлил ва дурнамои дастгирии соҳаи иҷтимоӣ самтҳои соҳаи иҷтимоӣ, аз қабили( маориф, тандурустӣ, суғурта, фарҳанг ва варзиш интихоб) дар асоси нишондиҳандаҳо буҷети барои солҳои 2015-2023 усули регрессионӣ истифода намудааст.

Дар натиҷаи таҳлили коррелятсиони аз рӯйи тағйирёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаҷми маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ алоқамандии назаррас байни онҳо нишон дода шудааст (саҳ.142.Ҷадвали 3.3.).

Дар ҷараёни истифодаи усули таҳлили регрессионӣ, таъсири маблағгузории давлатӣ вобаста ба таъғирёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар муайян карда шудааст (саҳ.143).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки давлат сиёсати иҷтимоии худро тавассути ба назар гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ татбиқ менамояд ва барои ҳамаи шаҳрвандони худ новобаста аз маҳалли зист шароити мӯътадилро муҳайё менамояд (саҳ.112). Маҳз бо ин мақсад, давлат дар ҷараёни амали намудани сиёсати иҷтимоӣ тадбирҳоро оид ба рафъи фарқиятҳое, ки дар байни минтақаҳои кишвар (сатҳи даромаднокӣ, шуғл, ҷойгиркунии иншооти иҷтимоӣ), пешбинӣ менамояд.

Ҳадафи асосии рушди соҳаи иҷтимоӣ баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии ҳар як узви ҷомеаи давлат мебошад, ки аз қонеъ кардани ниёзҳои аввалияи ҳар як фард иборат аст. Ин амал имкон медиҳад, ки ҳолатҳои низоъ дар ҷомеа пешгирӣ карда шаванд.

Барои баланд бардоштани суръати рушди соҳаи иҷтимоӣ дар кишвар рушди бахшҳои иқтисоди миллӣ афзалиятнок хоҳад буд. Дар ин ҳолат, сатҳи баланди идоракунии молияи давлатӣ зарур аст, то фарқи байни хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда, ки дар ҷараёни танзими соҳаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, кам карда шаванд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия ба талаботҳои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, талаботҳои омодасозӣ ва экспертизаи диссертатсияҳо дар шурои диссертатсионӣ, инчунин дигар талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.03.2023 № 295 “Оид ба тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 № 267” тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Довталаб диссертатсияро бо риояи меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ, бо забони илмӣ омода карда, мувофиқи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ таҳия кардааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, мухтавои асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Гафарзода Мавҷуда Тахир ба ихтисоси илмии дархостшаванда 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки Гафарзода Мавҷуда Тахир мутахассиси ботаҷриба дар соҳаи иқтисодиёти меҳнат буда, дорои қобилияти мустақилона ҳал намудани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт мебошад. Диссертатсияи тақризшаванда ба тахассуси довталаб мувофиқат мекунад. Мавзуи таҳқиқот, сохтор ва таркиби он ба пуррагӣ ба талаботҳои тахассусии шиносномаи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои илмии аз тарафи довталаб дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардашуда ба талаботҳои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мутобиқат мекунад.

Довталаби дараҷаи илмиро ҳамчун корманди илмӣ тавсиф намуда, дараҷаи донишандӯзӣ, қобилияти баланди илмӣ ва масъулиятнокии ӯро таъкид намудан зарур аст. Гафарзода Мавҷуда Тахир қобилияти ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро дар сатҳи зарурӣ нишон дода, ӯ метавонад мустақилона хулосаҳои илмиро барои муайян намудани самтҳои самараноки дастрасии мақсадҳои гузошташуда муқаррар намояд.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии ба итмом расидаро ифода карда, дар он ноилгардӣ ба ҳадафҳои таҳқиқот ҳалли вазифаҳои таҳқиқот ба назар мерасанд. Эродҳои ҷиддӣ нисбат ба сохтор ва таҳияи диссертатсия ошкор нашуданд. Новобаста ба дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои

ҳадафмандона, диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир аз норасогиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холи нест, алалхусус:

1. Дар зербоби 1.3. таҷрибаи хориҷии дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ таҳлилгардидааст. Ба андешаи мо беҳтар мешуд, агар мушаххсан муаллиф нишон медод, ки истифодаи таҷрибаи кадом кишвари хориҷӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст.

2. Ба андешаи муаллиф моҳияти принсипҳои нави ташкили хизмати иҷтимоиро бо се нуқтаи асосии бо ҳам алоқаманд тасниф кардан мумкин аст (расми 1.2. саҳ.22.), аммо хуб мешуд, ки агар муаллиф дар диссертатсия онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок мекард.

3. Дар зербоби 1.2.(саҳ.38) муаллиф формулаи муайян намудани ҳиссаи хароҷоти нафақавӣ дар ММД нишон доааст, вале натиҷаи мушаххас пешниҳод нашудааст. Ба андешаи мо агар муаллиф бо истифодаи омори расмӣ нишондиҳандаҳои пешниҳодшударо муайян мекард, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.

4. Дар таҳқиқот оид ба самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии Ҷумуҳурии Тоҷикистон таъкид карда шудааст, вале муаллиф онҳоро дар сатҳи зарури асоснок накардааст.

5. Аз диаграммаи 2.2. (саҳ.94) маълум мешавад, ки чор самти соҳаи иҷтимоӣ, ки баррасӣ шудаанд, сатҳи баландтарини музди меҳнати кормандони соҳаи суғурта ва баъдан фарҳанг мебошанд. Ба андешаи муаллиф мо розӣ шуда наметавонем. Зарур мешуморем, ки ин нуқтаи назар мавриди асосноккунии иловагӣ қарор гирад.

6.Дар диссертатсия ва автореферат баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд (саҳ.14, 22, 32).

Камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардиа барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13.Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

23.12.2025

Иштироккунандагон

Мавзӯъ: Тактикаи мафҳуми ростгирии усвкеті ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маърӯзакунанда: Гафорова Мавҷуда

1. Азимов А.А.,
2. Шарифӣ С.Б.
3. Б. Бӯрдзода С.
4. Юнусзода Ф.
5. Ҷонмамадов Ш.Б.
6. Саидмуродзода А.Х.
7. Мирсаидов А.
8. Ҷанақова Г.А.
9. Сафарзода А.М.
10. Бабаева М.А.
11. Исломова Ш.Н.
12. Мухамедов И.С.
13. Шермаматова Д.Н.
14. Мирзоев Ф.Ҳ., хоҷагидор
15. Махкамов Б.Б.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст. Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ ва шуъбаи таҳқиқоти институтсионалӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 12 аз 23 декабри соли 2025). Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд 15 нафар ходимони илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, ки аз онҳо 3 нафар д.и.и., 7 нафар н.и.и. мебошанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа**
Узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Саидмуродзода Л.Ҳ.

**Эксперт:** сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии Институти иқтисодиёт ва Демографияи АМИТ, д.и.и., дотсент — Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии ҷаласа, н.и.и. — Сафарзода А.

Имзоҳои Ҷонмамадов Ш.Б., ва Саидмуродзода Л.Ҳ. - ро тасдиқ мекунам: инспектори калон оид ба кадрҳо институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ — Махсутшоева З.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Ризо 6А. Тел/Fax: +992 (37) 221-67-50.E-mail: info@ied.tj; сомонаи расмӣ: https://ied.tj